«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш.Шоҳтемур, доктори илмҳои
кишоварзӣ, профессор, узви вобастаи
Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон
Салимзода Амонулло Файзулло
__________________
«__09__» ____12____ соли 2019

# Т а қ р и з и

*муассисаи тақриздиҳанда ба кори диссертатсионии Навруз Носири дар мавзӯи “Рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар ком-плекси агросаноатии минтақа (дар маводи вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо)*

**Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқот.** Дар марҳилаи кунунии тараққиёти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ бо мақсади баланд бардоштани рақобатнокии соҳаҳои хоҷагии қишлоқ ва таъмини амнияти озуқаворӣ аҳамияти назаррасро ба худ касб мекунанд. Таҳлилҳои гузаронидаи диссертант нишон медиҳанд, ки алҳол истеҳсолоти агросаноатии кишвар ба истеҳсолоте табдил наёфтааст, ки талаботи аҳолии ҷумҳуриро бо ҳамаи маҳсулоти озуқаврии ватанӣ таъмин намояд, яъне истеҳсолоти мазкур дорои мушкилоти мухталиф аз қабили фарсудашавии базаи моддию техникӣ, нарасидани нуриҳои минералӣ, воситаҳои химиявии муҳофизати растаниҳо, тухмии хушсифат, зотҳои сермаҳсули чорво ва ғайра мебошад, ки ба рушду равнақи истеҳсолоти соҳа таъсири манфӣ мерасонад. Мавҷу-дияти ин муаммоҳо ва дигар мушкилоти дар ин самт ҷойдошта, ки дар боло зикр шуданд, муҳиммияти мавзӯи таҳқиқотии мазкурро муайян намудаанд.

**Дараҷаи асоснокӣ ва муътамад будани диссертатсия.** Диссератант дуруст қайд менамоянд, ки соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ муҳимтарин соҳаву комплекси байнисоҳавии иқтисодиёти мамлакат ба шумор меравaнд, ки дараҷа ва динамикаи рушди нишондиҳандаҳои онҳо баёнгари

вазъи феълии иқтисодиёт ва ичтимоиёти кишвар буда метавонад. Чунки мувофиқи таҳлилҳои гузаронидаи диссератант, ҳиссаи соҳаи марказии комплекси агросаноатӣ - кишоварзӣ дар маҳсулоти умумии дохилии кишвар 18,1% ташкил медиҳад. Ҳамчунин 2/3 корхонаҳои истеҳсолии ҷумҳурӣ корхонаҳои мансуби ком-плекси мазкур мебошанд, ки 35,0% пардохтҳои буҷаи ҷумҳуриро таъмин намуда, дар соҳаи марказии он 65,8% аҳолӣ ба кор фаро гирифта шудаанд ва зиёда аз 74,0% аҳолии ҷумҳурӣ дар деҳот сукунат доранд. Дар соли 2015 нисбати соли 2011 ҳаҷми маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ 1,5 маротиба афзоиш ёфта, суръати миёнасолонаи афзоиши маҳсулоти умумӣ соҳа зиёда аз 8,6% ташкил медиҳад. Дар солҳои 2016-2017 маҳсулоти кишоварзии кишвар мувофиқан ба солҳо 5,2% ва 6,8% афзоиш дорад. Кишоварзӣ ва комплекси агросаноатии рушдкарда гарави таъмини амнияти озуқаворӣ, истиқлолияти воқеии мамлакат ва кафолати солимии насли имрӯзу фардои ҷомеа ба шумор меравнд. Бинобар ин баҳри ҳалли мушкилотҳои дар боло қайд гардида, рушди системаи идора-кунии фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ, аз аҳамияти амалӣ холӣ нест.

Вобаста ба ин мушкилиҳо ва минбаъд баҳри устуворгардии еомплекси агросаноатии кишвар дар солҳои охир таваҷҳи хосаро тақозо дорад, ки интихоби мавзӯи таҳқиқотӣ ба он равона карда шудааст.

Чи тавре, ки аз диссертатсия бармеоядмақсади асосии таҳқиқот ин таҳияи муқарраротӣ назариявӣ ва методологӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва равнақи системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии минтақа дар шароитҳои муосир ба шумор меравад.

Вобаста ба муҳиммияти таҳқиқот дар диссертатсия объекти таҳқиқот мавзӯъ, масъалаҳо ва усулҳои таҳқиқот муайян карда шудаанд.

**Объекти таҳқиқот** ин корхонаву ташкилотҳо ва хоҷагиҳои соҳаҳои комплекси агросаноатии минтақаи Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Мавзӯи таҳқиқот шомили муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки тавсифкунандаи ташаккулу равнақи системаи идоракунии фаъолияти инноватсонӣ дар комплекси агросаноатии минтақа дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ба шумор меравнд.

Ба ҳайси **асосҳои назариявию методологии таҳқиқот** корҳои илмии бунёдии олимон-классикони илми иқтисодиёт, таҳқиқотҳои олимони тоҷик ва олимони хориҷии дуру наздик, аз ҷумла олимони рус оид ба равнақи системаи идоракунии фаъолияти инноватсонӣ дар комплекси агросаноатӣ хизмат

намудаанд. Зимни таҳқиқот ҳангоми коркард ва таҳлилу хулосабарориҳо ба сифати васоити таҳқиқот методҳои диалектикию мантиқӣ, оморӣ, монографӣ, ҳисобию конструктивӣ, озмоишӣ, риёзию иқтисодӣ истифода шудааст.Аз диссертатсияи илмӣ бармеояд.

**Мақсади асосии таҳқиқот** ин таҳияи муқаррароти назариявӣ ва методологӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва равнақи системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии минтақа дар шароитҳои муосир ба шумор меравад. Бахри ба ин мақсад расидан, унвонҷӯ вазифаҳои таҳқиқотро пешниҳод намудааст, ки ҳалли онҳо ба тавлиди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намуданд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот чунинанд:**

- моҳияти (табиати) иқтисодии инноватсияҳо ва фаъолияти инноватсионӣ муайян гардида, асосҳои назариявии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ бо назардошти ҳамгироии илми аграрӣ ва агробизнеси инноватсионӣ тараққӣ дода шудааст. Асоснок гардонида шудааст, ки барои рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ташаккули шароитҳои мусоиди ташкилию иқтисодӣ, институтсионалию инфрасохторӣ ва иҷтимоӣ ба мақсад мувофиқ аст;

- асосҳои назариявии фаъолияти инноватсионии корхонаҳо бо назардошти хусусиятҳои хоси ҷараёни такрористеҳсол ва афзоиши нақши истифодаи инноватсияҳо ҳамчун омили фаъолгардонии ҷолибияти инвеститсионии корхонаҳои КАС тараққӣ дода шуда, зарурати истифодаи равиши системавии ҷалби инвеститсияҳо ба фаъолияти инноватсионӣ бо назардошти таҷрибаи хориҷии мукаммалгардонии асосҳои институтсионалии идоракунии ҷорисозии инноватсияҳо дар корхонаҳои комплекси агросаноатӣ асоснок карда шудааст.

- воситаҳои (олоти) баҳодиҳии самаранокии низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ коркард шудааст, ки фарогири чунин нуқтаҳо (бандҳо) мебошанд:

а)таҳлили шароитҳои ташкили рушди инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ бо назардошти баҳисобгирии муҳити дохила ва берунаи онҳо;

б)коркарди самтҳои консептуалии мукаммалгардонии сохтори ташкилии идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ;

в)назарсанҷии таъмини инфрасохторӣ ва ҷараёнии танзими рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ;

- шаклҳои асосии дастгирии давлатии фаъолгардонии фаъолияти инноватсионӣ бо назардошти рушди ҷолибияти лоиҳаҳои инноватсионӣ, чораҳои воқеан ҳавасмандкунандаи истеҳсол ва истифодаи инноватсияҳо ва чорабиниҳои амалигардонию бунёди истеҳсолоти нави инноватсиони дар минтақа, муайян ва асоснок карда шуда, инчунин истифодаи самараноки сарчашмаҳои неруи дохилии рушди инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ коркард шудаанд;

- алгоритми идоракунии марҳилавии ҷараёни сармоягузории рушди инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ бо назардошти ҳамгироии ҷараёнҳои инноватсионию инвеститсионӣ, назарсанҷии молиякунонии пайдарпайи рушди фаъолияти инноватсионӣ ва ташаккули стратегияи рушди инноватсионии комплекси агросаноатӣ коркард шудааст;

- маҷмӯи самтҳо ва чораҳо оид ба баландбардории натиҷанокии рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои комплекси агросаноатии вилояти Хатлон бо назардошти самтҳои бартариятноки дастгирии давлатии ташаккули стратегияи инноватсионии рушди комплекси агросаноатӣ ва бунёди шароитҳои фаъолгардонии ҷалби инвеститсияҳое, ки ба васеъкунии миқёси азхуднамоии инноватсияҳо дар субъектҳои хоҷагидории комплекси агросаноатӣ мусоидаткунанда, пешниҳод шудаанд.

**Соҳаи таҳқиқот.** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсонӣ ба бандҳои зерини шиносномаи фехристи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо) мувофиқат менамояд: 2.3.Ташаккули муҳити инноватсионӣ ҳамчун муҳимтарин шарти инноватсияҳои самаранок. Муайян кардани равишҳо, шаклҳо ва тарзҳои фароҳамоварии шароити муносиб барои амалисозии фаъолияти инноватсионӣ. Роҳҳои беҳсозии иқлими инноватсионӣ; 2.10. Арзёбии фаъолнокии инноватсионии субъектҳои хоҷагидор бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва болоравии арзиши онҳо; 2.12. Таҳқиқи шаклу тарзҳои ташкил ва ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ, равишҳои муосир нисбат ба ташаккули стратегияҳои инноватсионӣ; 2.13. Коркард ва такмили шаклҳо, сохтор ва системаҳои ниҳодии идоракунии инноватсияҳо. Арзёбии самаранокии фаъолияти инноватсионӣ.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** ин асосноккунии илмии равишҳои назариявию методологӣ, принсипҳо ва механизмҳои ташаккул ва равнақи системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ва минтақаи тадқиқшаванда ва рушди минбаъдаи самараноку устувори он бо мақсади афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ барои таъмини талаботи аҳолии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он бо маводи озуқаворӣи истеҳсолоти худӣ мебошад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар имкониятҳои истифодаи усулҳои назариявию методологӣ ва тавсияҳои амалии дар диссертатсия овардашуда, ҳангоми ташкили системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ва минтақаи таҳқиқшаванда ва рушди минбаъдаи самараноку устувори он асос меёбад. Пешниҳодҳои алоҳида ва хулосаҳои дар диссертатсия овардашударо метавон ҳангоми коркарди барномаҳо ва стратегияҳои рушди низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаву ташкилотҳои комплекси агросаноатӣ дар минтақаҳо истифода намуд. Ғайр аз ин маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷараёни таълим дар Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш.Кӯлоб ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимии «Менеҷменти инноватсионӣ», «Молияи корхонаҳо» ва «Менеҷменти истеҳсолӣ» истифода шудаанд.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он**. Муҳтавои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияҳову семинарҳои илмӣ ва илмию амалии аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дошта дар шаҳри Душанбе (Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва шаҳрҳои Москва ва Қазон (Федератсияи Россия) дар тӯли солҳои 2014-2019 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд.

**Интишори натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар 10 кори илмии муаллиф бо ҳаҷми умумии 5,3 ҷ.ч, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ ва нашрияҳои тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодот, номгӯи адабиёт иборат аст. Матни кори илмӣ дар 182 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия шудааст, ки шомили 20 ҷадвал ва 6 расм мебошад.

## Мазмуни кори дисертатсионӣ

**Дар боби якум - «Асосҳои назариявии рушди фаъолияти инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ»** зарурати гузариш ба рушди инноватсионӣ дар комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳияти инноватсия ва унсурҳои таркибии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС, низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳо ва хусусиятҳои он ифода ёфтааст.

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки истифодаи мафҳуми инноватсия дар истеҳсолот ва адабиёти иқтисодии ватанӣ баъди гузариш ба иқтисоди бозорӣ ривоҷу равнақ гирифт. То ин замон дар иқтисодиёти собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ таи якчанд даҳсола масоили ба инноватсия дахлдор дар доираи таҳқиқотҳои иқтисодии ба самаранокии прогресси илмию техникӣ алоқаманд мавриди омӯзишу коркарду корбаст қарор мегирифтанд. Мафҳуми инноватсия аз ҷониби олимону мутахассисон ва коршиносони соҳавӣ ба тарзҳои гуногун шарҳ дода шудааст. Назария ва таҷрибаи идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳо нишон медиҳад, ки мафҳуми инноватсия, пеш аз ҳама, бо мафҳумҳои инноватика, сиёсати иноватсионии давлат, ҷараёни инноватсионӣ, неру ва захираҳои инноватсионӣ, фаъолияти инноватсионӣ, доираи инноватсионӣ ва навоварӣ, кашфиёт (ихтироот) алоқамандии зич дорад. Бинобар ин, муҳимтарини онҳо дар диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд [Саҳ. 31-39].

Дар диссертатсия мафҳум ва моҳияти идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳоро дар асарҳои олимони ватанию хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Диссертант натиҷагирӣ намудааст,ки идоракунии фаъолияти инноватсионии корхона ин зернизоми идоракунии фаъолияти корхона маҳсуб меёбад, ки ба амалигардонии самараноки инноватсияҳо дар корхонаҳо нигаронида шуда, натиҷаи ниҳоии он барои корхона фоида, ягон самараи иҷтимоӣ ё экологӣ буда метавонад [С.40-43].

Аз таҳлили маводи ҷамъоваришудаи муаллифи диссертатсия маълум мегардад, ки дар иқтисодиёти кишоварзии ҷумҳурӣ солҳои охир, бештари вақт чунин навъҳои инноватсияро ҷудо мекунанд: инноватсияҳои характери иқтисодию иҷтимоӣ дошта; инноватсияҳои хусусияти ташкилӣ дошта, инноватсияҳои хусусияти техникию технологӣ ва истеҳсолӣ дошта, инноватсияҳои хусусияти селексионию генетикӣ дошта. Чунин таснифот аз он хушдор медиҳад, ки зимни идоракунии ҷараёни инноватсионӣ ва фаъолиятҳои инноватсионӣ дар соҳаи аграрӣ ба ҳар як навъи инноватсия диққат додан лозим меояд [С.45-46].

Ҳамин тариқ, хулосаи муаллифро оид ба боби якуми диссертатсия дастгирӣ намудан мумкин аст, ки чунин натиҷагирӣ намудааст: "Таҳқиқу таҳлилҳои диссертатсионӣ нишон доданд, ки асосҳои назариявии идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои агросаноатӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси истеҳсолоти аграрӣ, таъсири омилҳо ба ҷараёни такрористеҳсол, қонуниятҳои универсалии рушди ҷараёнҳои инноватсионӣ ва афзоиши нақши истифодаи инноватсияҳо ҳамчун гарави фаъолгардонии ҷолибияти инвеститсионии корхонаҳои КАС тараққӣ мекунад" [С.52-67].

**Дар боби дуюм - «Таҳлили асосҳои институтсионалӣ ва раванди ташаккули низоми идоракунии инноватсияҳо дар комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он»** арзёбии асосҳои институтсионалии ташаккули низоми идоракунии инноватсияҳо дар КАС-и ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон, таҳлил ва тамоюлҳои ташаккули идоракунии инноватсияҳо дар минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон инъикос ёфтаанд.

Диссертант дуруст қайд кардааст, ки асосҳои институтсионалии рушди равандҳои инноватсионӣ ин низоми меъёрҳо қоидаҳои расмию ғайрирасмие мебошанд, ки асоси ташкили инноватсияҳо маҳсуб меёбанд. Бунёди асосҳои ҳуқуқию меъёрии рушди фаъолияти инноватсионӣ яке аз ҷузъҳои муҳими асосҳои институтсионалии инноватсияҳо ба шумор меравандˏ ки барои рушди васеи ҷараёнҳои инноватсионӣ ҳамчун шароити асосӣ хизмат менамоянд. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки асосҳои ҳуқуқию меъёрии рушди фаъолияти инноватсионӣ дар ҷумҳурӣ ҷавобгӯи талабот ташкил шудааст.Интихоби дурусти органҳои барои идоракунию танзим ва паҳнкунии инноватсияҳо зарур низ ҷузъи муҳими асосҳои институтсионалии рушди инноватсияҳо маҳсуб меёбанд.Дар диссертатсияи мақомоти барои идоракунию танзим ва паҳнкунии инноватсияҳо масъул таҳлил ва сатҳу дараҷаи ҳар кадоми онҳо дар нақша тасвир ёфтааст [С.88-89].

Ҳамчунин ба ин фикри муаллифи диссертатсия низ розӣ ҳастем, ки қайд кардааст: "Ба ҳайси унсурҳои асосии инфрасохтори инноватсионӣ, махсусан, технопаркҳо, корхонаҳои хурди инноватсионӣ, марказҳои технологияи пешқадам, паркҳои илмию техникӣ, бизнес-инкубаторҳо, технополисҳо баромад мекунанд. Дар давлатҳои рушдкарда 76,0% паркҳои илмию техникӣ дар донишгоҳҳо ҷойгир буда, 70,0% технопаркҳо филиалҳои донишгоҳҳо ба ҳисоб мераванд. Мавриди зикр аст, ки бо сабабҳои объективию субъективӣ унсурҳои инфрасохтори инноватсионӣ дар ҷумҳурӣ ба таври бояду шояд инкишоф наёфта истодаанд. Яке аз сабабҳои асосӣ ин камчинии сармоягузориҳо ба ҳисоб меравад.

Масалан, аз таҳлилҳо бармеояд, ки ташкилотҳои ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таҷрибавӣ-конструкторӣ машғулбуда 97,0-99,0% аз ҷониби буҷаи давлат молиягузорӣ мешаванд" [С.89-91].

Дар ин боб муаллиф ҳамчунин, вазъи иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлонро таҳлил намуда, хулосабарорӣ намудааст, ки аҳолии вилояти Хатлон 35,8% аҳолии ҷумҳуриро ташкил дода, дар шаҳрҳо 18,1% ва дар деҳоти он 81,9% аҳолии вилоят сукунат доранд. Шумораи миёнасолонаи машғулин дар иқтисодиёти вилоят ҳамагӣ 18,6% аҳолии машгули кори ҷумҳуриро ташкил медиҳад ва дар соли 2017 нисбати соли 2012 ҳамагӣ 16,0% афзоиш ёфтааст. Дар соҳаҳои саноати вилоят 33,7% дар соли 2017 маҳсулоти соҳаи саноати ҷумҳурӣ истеҳсол шудааст. Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии вилоят бо нархҳои соли 2017 ба ҳисоби миёна 51,9% ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии ҷумҳуриро ташкил дода, дар давраи таҳлил 129,7% афзоиш ёфтааст. Дар соли 2017 ҳаҷми сармоягузориҳои вилоят 19,3% ҳаҷми умумии сармоягузориҳои ҷумҳуриро ташкил дода, ҳамзамон дар давраи таҳлил 113,0% афзоиш ёфтаанд.Вилояти Хатлонро тадқиқотчиёни комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ду зонаи агросаноатӣ ҷудо мекунанд: 1)Минтақаи агросаноатии Вахшу Бохтар; 2)Минтақаи агросаноати Кӯлоб [С.100-103].

Диссертант минтақаи агросаноати Кӯлобро мавриди таҳлил қарор дода, қайд мекунад, ки масоҳати замини минтақаи агросаноати Кӯлоб 9,48% масоҳати замин ҷумҳурӣ ва 54,25% масоҳати замин вилояти Хатлонро ташкил медиҳад. Ҳамчунин аҳолии минтақаи Кӯлоб 13,8% аҳолии ҷумҳурӣ ва 38,5% аҳолии вилоятро ташкил медиҳад. Қобили қайд аст, ки 19,0% ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва 45,8% ноҳияҳои вилоят 17,8% ҷамоатҳои ҷумҳурӣ ва 49,6% ҷамоатҳои вилоят дар минтақаи мазкур ҷойгир шудаанд. Соҳаи кишоварзӣ дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии аҳолии вилоят ва минтақаҳои агросаноатии он нақши марказӣ дорад. Аз шумораи умумии аҳолии машғули кор вилоят (447,7 ҳазор нафар) дар соли охири таҳлил 290,5 ҳазор нафар ё 64,9% дар кишоварзӣ бо кор фаро гирифта шудаанд. Дар кишоварзии минтақаи Кӯлоб 37,5% ҳаҷми маҳсулоти умумии вилояти Хатлон истеҳсол карда мешавад. Дар давраи солҳои 2012 – 2017 маҳсулоти кишоварзии минтақаи Кӯлоб 24,4% афзоиш ёфтааст, ки дар растанипарварӣ ин афзоиш 21,0% ва дар чорводорӣ 31,0%-ро ташкил медиҳад. Таҳлилҳои гузаронидашуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳосилнокии аксари зироатҳои асосии кишоварзӣ ва маҳсулнокии чорвои минтақа нисбати нишондиҳандаҳои миёнаи

ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон паст мебошанд. Яъне инноватсияҳои ба селексия ва зотпарварӣ нигаронида шуда, ки асоси инноватсияҳои кишоварзии минтақа маҳсуб меёбанд, дар оянда бояд рушду равнақ ёбанд. Дар диссертатсия дараҷаи худтаъминии озуқавории минтақа ҳисоб шудааст. Аз он бармеояд, ки истеҳ-солоти кишоварзии минтақа дар шароити имрӯза талаботи аҳолии минтақаро танҳо бо 2-3 намуди маводи озуқавории худӣ дар сатҳи қабулшуда таъмин карда метавонад [С.104-105].

**Дар боби сеюм «Такмили механизми идоракунии рушди фаъолияти инноват-сионӣ дар комплекси агросаноатӣ»** дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар низоми идоракунiии корхонаву ташкилотҳои КАС-и ҷумҳурӣ, идоракунии таъмини сармоягузории рушди инноватсионии корхонаву хоҷагиҳои кишовар-зии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва таҷрибаи хориҷии танзими давлатии рушди инноватсионии комплекси агросаноатӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар зербоби аввали ин боб муаллифи диссертатсия дуруст қайд мекунад, ки дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар низоми идоракунiии корхонаву ташкилотҳои кишоварзӣ нишон доданд, ки давлат рушди инноватсия ва фаъолияти инноватсионии субъектҳои соҳаи мазкурро ҳамаҷониба ва бо тарзу усулҳои гуногун маблағгузорию молиягузорӣ менамояд. Аммо соҳаи кишоварзӣ соҳаи ниҳоят меҳнатталаб ва маблағталаб (махсусан дар мавриди ҷорисозии инноватсияҳо) ба шумор меравад. Аз ин рӯ, он маблағгузориҳое, ки давлат барои дастгирии соҳаи кишоварзӣ ва фаъолияти инноватсионии корхонаву ташки-лотҳои он ҷудо мекунад, барои фарогирии тамоми корхонаву ташкилотҳои ин низом кифоягӣ намекунад. Аз дигар ҷониб, аксари ин дастгириҳо(тухмии хушсифат, зотҳои сермаҳсул, ваксинаҳои гуногун ва ғайра) хусусияти яквақтина доранд. Бинобар ин самараи бардавомро таъмин карда наметавонанд. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ яке аз роҳҳои баромадан аз ин вазъияти ҳалталаб ин иштироки бевоситаи давлат дар фаъолияти инноватсионии кишоварзӣ мебошад. Бо роҳи ташкили стансияҳои моддии техникӣ давлат метавонад дар муддати кӯтоҳ базаҳои моддии техникии соҳаи кишоварзиро нав кунад, тала-боти хоҷагиҳои навташкилро ба техника ва технологияи навтарин, тухмии хуш-сифат, хӯроки чорво, чорвои хушзот, воситаҳои химиявии муҳофизати растаниҳо ва чорво ва ғ. таъмин намуда, пеши роҳи ғайримақсаднок истифодашавии маблағҳои буҷавиро гирад [С.125-126].

Дар диссертатсия муаллиф муайян ва муқаррар намудааст, ки таъмини сармоягузории фаъолияти инноватсиониро дар дараҷаи иқтисодиёти кишвар, соҳаҳо ва корхонаҳо тариқи арзёбии сохторҳои ҷузъии сармоягузориҳо идора ва танзим намудан мумкин аст. Ҳамзамон, новобаста аз кӯшишҳои ҳамаҷонибаи давлат аксари корхонаву хоҷагиҳои кишоварзӣ то ҳол аз камчинии маблағ барои фаъолияти инноватсионӣ танқисӣ мекашанд ва сабабҳои онро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст: 1)Набудани барномаҳои комплексии таъмини сармоягузории фаъолияти инноватсионӣ дар кишоварзӣ ва механизми мукаммалу шаффоф, ки истифодаи мақсаднок, самаранок ва ҳамаҷониба шаффофи маблағҳои аз ҷониби буҷаи давлат ҷудошударо таъмин намоянд. 2) Кам будани мутахассисони касбӣ дар бахши шинохти инвестисияҳо ва кор бо лоиҳаҳои инноватсионӣ. 3) Вазъи начандон хуби молиявии аксари корхонаҳо ва хоҷагиҳои кишоварзии вилоят ва минтақа. 4) Қисмати зиёди хоҷагиҳои кишоварзии минтақаро хоҷагии деҳқонӣ (42,9% хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Хатлон) ташкил медиҳанд, ки барои онҳо дар алоҳидагӣ харидкунии техникаи зарурӣ аз нигоҳи иқтисодӣ ғайрисамаранок мебошад. Аз ин рӯ, дар ин самт низ идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ навгониҳоро тақозо дорад [С.128-130, 144-146].

Муаллифи диссертатсияи илмӣ таҷрибаи ҷаҳониро оид ба танзими давлатии рушди фаъолияти инноватсионӣ дар сектори аграрӣ мавриди баррасӣ қарор дода, чунин натиҷагирӣ намудааст: 1)Ҷараёнҳои инноватсионӣ дар иқтисодиёти ин ва ё он мамлакат, аз ҷумла дар сектори аграрӣ метавонад ҳам аз ҳисоби маблағгузориҳои давлат ва ҳам аз ҳисоби сармоягузориҳои сектори хусусӣ молиягузорӣ ва рушд кунад. 2)Ташаккули инфрасохтори инноватсионии давлатӣ унсури ниҳоят муҳими дастгирии ҷараёнҳои инноватсионӣ дар сектори аграрӣ ба шумор мераванд. Давлат марказҳои шабакавии паҳнкунии инноватсияҳо ва марказҳои машваратии хизматрасониҳои заруриро барои субъектҳои ба навовариҳо алоқаманд, бунёд сохта, фаъолии фаъолияти инноватсиониро барои тамоми субъектҳои хоҷагидории сектори аграрии мамлакат таъмин менамояд. 3) Молиякунонӣ аз буҷаи давлат дар аксари давлатҳо ҳоло ҳам ҳамчун шакли асосии дастгирии давлатии рушди ҷараёнҳои инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ ба шумор меравад.4)Усули барномаҳои мақсаднок, ки дар соири давлатҳои рушдкарда истифода мешавад, барои ҷорикунӣ ва рушди технологияи инноватсионӣ дар сектори аграрӣ самаранок арзёбӣ гардидааст. 5) Суғуртакунонии қарзҳои дарозмуддати бонкҳои тиҷоратӣ аз ҷониби давлат метавонад

ба рушди инноватсионии бизнеси хурду миёнаи сектори аграрӣ мусодат намояд [С.147-162].

Ҳамин тариқ, диссертатсияи номзадии Навруз Носири бо забони равону фаҳмои давлатӣ навишта шуда, натиҷаҳои таҳқиқот ҷавобгӯи талабот ва мавқеи намоёни назариявию амалиро соҳиб мебошанд. Диссертант ва диссертатсияи илмӣ зинаҳои гуногуни санҷишҳоро муваффақона паси сар намудаанд.

Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд,ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Дар муқаддима номҳои тақрибан 20 олимони ватанӣ, ки дар ин самт кор кардаанд, оварда шудаанд, аммо дар матн нуқтаи назари онҳо оид ба моҳияти иқтисодии навовариҳо оварда нашудааст. Аз ин рӯ, диссертаант натавонистааст, ки нуқтаи назари худро дар шакли таърифи мукаммал ба ин категорияи иқтисодӣ таҳия ва пешниҳод намояд.

2. Дар зербоби 2.1 арзёбии асосҳои ташаккули институтсионалии системаи идоракунии инноватсия гузаронида нашудааст. Усулҳои арзёбӣ муқаррар нашудаанд.

3. Таҳлил ва ташаккули менеҷменти инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзии минтақаи Кӯлоб хусусияти умумии иқтисодӣ дорад. Маводи дар боло номбар-шуда (ҷадв. 4.1) ба масъалае, ки мавриди баррасӣ қарор мегирад, ягон иртибот надорад. Дар матн идоракунии инноватсия дар комплекси агросаноатии мин-тақаи Кӯлоб дида намешавад. Умуман, мундариҷаи матн ба номи зербахш мувофиқат намекунад.

4. Дар матн баъзе такроршавиҳо, хатогиҳои грамматикӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои ошкоргардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии диссертатсияро паст намекунанд.

Дар маҷмӯъ таҳқиқоти диссертатсионии Навруз Носири дар мавзӯи «Рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа (дар маводи вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо)», пешниҳод гаштааст, ки хислати мазмуни илмӣ – амалиро соҳиб аст.

Диссертатсияи илмии тақризшаванда кори илмии анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯ ба талаботҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он Навруз Носири дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (идоракунии инноватсияҳо) дода шавад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи менеҷмент ва соҳибкории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур муҳокима ва қабул карда шудааст (Протокол №4 аз 09 декабри соли 2019).

**Раиси ҷаласа,**
мудири кафедраи менеҷмент ва
соҳибкории ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Исломов Ғ.Ҳ.

**Котиби ҷаласа,**
ассистенти кафедраи менеҷмент ва
соҳибкории ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Нематов Т.А.

**Ташхисгар,**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи менеҷмент ва
соҳибкории ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур,
Корманди шоистаи Тоҷикистон Мадаминов А.А.

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёб.Рудакӣ 146,
☏ (+992 37) 224- 7207, (+992) 918 58 3650, E-mail: mtti2009@mail.ru

Имзои Мадаминов А.А., Исломов Ғ.Ҳ. ва Нематов Т.А.-ро
тасдиқ менамоям.
Мудири шӯъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Тағоева М.

ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР
ТАДЖИКСКИЙ АГРАРНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ ШИРИНШОХ ШОХТЕМУР
ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚӢ ВА КАДРҲО
ОТДЕЛ ПРАВОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ И КАДРОВ